# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич дар мавзӯи «Рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: консепсияҳо, воситаҳо ва самаранокӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. - Маркетинг)**

аз 21 апрели соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Аминов И., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор - раиси комиссия, Исмоилов А.А., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, Гадоев Ҳ., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич **хулосаи** зеринро қабул намуд:

1. Мавзӯи диссертатсияи Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич «Рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: консепсияҳо, воситаҳо ва самаранокӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. - Маркетинг) пешниҳод шудааст, муҳим ва рӯзмарра буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт рақамисозии хизматрасониҳои молиявӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки рушди бахши молиявӣ табдил ёфта, бонкҳо барои нигоҳ доштани рақобатпазирӣ ва ҷалби мизоҷон аз технологияҳои муосир, платформаҳои рақамӣ ва воситаҳои маркетинги рақамӣ васеъ истифода мебаранд. Дар чунин шароит масъалаи ташаккул ва рушди маркетинги бонкии рақамӣ аҳамияти калидӣ пайдо намуда, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо, беҳтар гардидани сифати хизматрасонӣ ва тавсеаи фарогирии молиявӣ мусоидат менамояд.

Бонкҳои тиҷоратии кишвар барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ва ҷалби муштариёни нав аз воситаҳои гуногуни маркетингӣ, махсусан маркетинги рақамӣ истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, сатҳи истифодаи имкониятҳои маркетинги рақамӣ дар низоми бонкии ҷумҳурӣ

ҳанӯз ҳам пурра ташаккул наёфта, масъалаҳои марбут ба таҳияи консепсияҳои муосири маркетинги рақамӣ, интихоби воситаҳои самараноки таблиғотӣ ва арзёбии натиҷаҳои он дар фаъолияти бонкҳо ниёз ба таҳқиқоти илмии амиқ доранд.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот пеш аз ҳама бо зарурати мутобиқ намудани фаъолияти маркетингии бонкҳо ба шароити иқтисоди рақамӣ вобаста мебошад. Дар шароити рақобати афзоянда дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ, бонкҳо бояд аз усулҳои анъанавии маркетинг ба технологияҳои муосири рақамӣ гузаранд. Истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, маркетинги контентӣ, рекламаи рақамӣ, таҳлили маълумоти бузург (Big Data), системаҳои идоракунии муносибат бо мизоҷон (CRM) ва дигар абзорҳои рақамӣ ба бонкҳо имкон медиҳад, ки талаботи муштариёнро амиқтар омӯзанд ва хизматрасониҳои мувофиқ пешниҳод намоянд. Дар ин замина таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологии маркетинги бонкии рақамӣ барои низоми бонкии Тоҷикистон аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқи масъалаҳои рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо дорои аҳамияти назариявӣ, балки дорои аҳамияти калони амалӣ низ мебошад, зеро он метавонад ба такмил додани сиёсати маркетингии бонкҳо, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои молиявӣ, васеъ гардидани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои рақамӣ ва рушди минбаъдаи иқтисоди рақамии кишвар мусоидат намояд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба итмом расонида шуда, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи менеҷмент ва маркетинги муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз аз 26 июни соли 2023, №295)тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи бонкдорӣ ва ҳисоб рафта, он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси илмии 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26 – Маркетинг), ки вобаста аз он ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-63 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли

2024 (№488/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 2 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Файзов Назруллоҳ Зубайдуллоевич дар мавзӯи «Рушди маркетинги бонкии рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: консепсияҳо, воситаҳо ва самаранокӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.26. - Маркетинг) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Досиев Маҳмадшоҳ Назарович – д.и.и., профессори кафедраи идораи молияи давлатӣ ва иқтисоди рақамии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Наврӯз Носирӣ – н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3). Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур таъин карда шавад.

4). Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**д.и.и., профессор** **Аминов И.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
**н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**
**н.и.и, дотсент** **Гадоев Ҳ.**